Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17 бинои 1)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нусратзода Муҳаммадӣ Нусрат ба диссертатсияи Ҳасанова Махфират Иномовна дар мавзуи «Иттилоотонӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешкаш карда шудааст.**

## 1. Муҳиммият ва зарурияти тадқиқоти гузаронидашуда

Дар замони муосир корҳои ташкилӣ доир ба истифодаи васеи компютерҳои фардӣ ва ҷорӣ намудани онҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ гузаронида мешаванд. Дар асоси ин, масъалаҳои асосии коркарди принсипҳо ва тарзҳои умумии истифодабарии компютерҳо барои таҳлилу коркарди маълумотҳои оммавӣ истифода бурда мешаванд.

Яке аз роҳҳои асосию имконпазири ҳалли ин масъала ташкили ҷойҳои кории автоматикунонидашуда мебошанд, ки барои коркарди саривақт ва дурусти маълумотҳо равона карда шудааст. иттилоотонии масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ дар ҷойҳои кории истифодабарандагон яке аз шаклҳои ҷорикунии фоидабахш барои автоматикунонии меҳнати сунъии мутахассисон мебошад. Инкишофи иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар шароити бозор дигаргуниҳои васеи тамоми механизми хоҷагидориро талаб менамояд. Муносибатҳои нави иқтисодӣ маҷбур месозанд, ки усулҳои идоракунии мавҷудбуда, иваз карда шаванд.

Иқтисодиёти бозоргонӣ, пайдошавии шаклҳои нави корхонаҳо, вусъатёбии робитаҳои дохиливу берунии корхонаҳо ба афзоиши селобҳои иттилоотӣ меорад. Дар ин шароитҳо ба тамом ҳувайдо мегардад, ки ба хазираҳои маъмули моддӣ, меҳнатӣ, энергетикӣ ва молиявӣ боз як намуди дигари захира, яъне иттилоотӣ илова гаштааст. Дар асоси захираи иттилооти саҳеҳ, муътамад ва саривақтӣ идораи оқилонаи объекту равандҳои иқтисодӣ таъмин мегардад. Татбиқи компютерҳо ва дигар воситаҳои техникӣ дар равандҳои иттилоотӣ идораи иқтисодиёт ба баландшавии сифат ва фаврияти қарордодҳои идоракунӣ меоварад.

Технологияҳои иттилоотии муосир қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёт ба шумор мераванд, ки ба инноватсия асос ёфтааст. Мутаассифона, дар

раванди иттилоотонии иқтисодиёт тахти таъсири як қатор омилҳо, ки байни онҳо сатҳи пасти фаъолнокӣ дар ҷоришавии принсипҳои иқтисодиёти инноватсионӣ, кам будани мутахассисон ва захираҳои молиявӣ, омода набудани субъектҳои хоҷагидорӣ дар минтақаҳо, аз ҷумла, дар вилояти Суғд махсус қайд кардан зарур аст, як қатор мушкилиҳо ба назар мерасанд. Боиси қайд аст, ки раванди иттилоотонии минтақаҳои ҷумҳурӣ зери таъсири ҷаҳонишавӣ қарор дорад. Чунин ҳолат ба ташаккули сиёсати иқтисодию иҷтимоии минтақа таъсири ҷиддӣ расонида метавонад.

Алҳол дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла, дар вилояти Суғд вазифаи гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ иҷро шуда истодааст. Дар иртибот ба ин нукта, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониш ба ҳайси омилҳои асосии рушд баррасӣ мегардад. Илова бар ин айни ҳол дар тамомӣ қаламрави кишвар доир ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва самаранокии он гуруҳҳои корӣ фаъолият намуда, истодаанд.

**2. Робитаҳои таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**

Таҳқиқоти илмии гузаронидашуда бевосита ба амалӣ намудани Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2011, таҳти №643, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бандҳои 3.1, 3.1 ва 4.1), Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон” аз 5 ноябри соли 2003 №1174” Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар солҳои 2021-2025, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоотонӣ” дар таҳрири, ки аз 04.04.2019 с., № 1595, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019 таҳти №642 равона гардида, иҷро карда шудааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсияи бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст**

Дар диссертатсияи мазкур навгониҳои илмӣ бо дарназардошти вазифаҳо муқаррар карда шудааст.

Натиҷаҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда дар такмили асосҳои назариявии раванди иттилоотонии ҷомеаи муосир, арзёбии аҳамияти он дар иқтисодиёти минтақа ва коркарди тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии иттилоотонӣ дар қаламрави вилояти Суғд зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмиро инъикос менамояд аз чунин нуктаҳо иборатанд:

- инкишоф додани консепсияи илмии “иқтисодиёти иттилоотӣ” дар самти баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат мусоидат менамояд, дар асоси он ба мафҳуми таҳқиқот саҳеҳӣ ворид карда шудааст, ки тибқи он: “Иттилоотонии иқтисодиёт вазъияте мебошад, ки бештар дар ҷараёни истеҳсолот, истеъмолот, тақсимот ва мубодила истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мушоҳида карда мешавад ва дар таълими самаранокии муносибатҳои хоҷагидорӣ технологияи иттилоотӣ афзалияти аввалиндараҷа дорад”;

- низомбандӣ намудани методикаҳои гуногуни арзёбии иттилоотонӣ ва нишондиҳандаҳои рушди технологияҳои иттилоотӣ таснифот карда шудааст. Алалхусус, тибқи меъёрҳои, зерин: - сатҳи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, таъминнокии корхонаҳо бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, истифодаи шабакаҳои глобалӣ, барномаҳои махсуси компютерӣ, сатҳи омодагии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотий-коммуникатсионӣ;

- асоснок намудани таҷрибаи хориҷии иттилоотонӣ оид ба ҷудо кардани унсурҳое, ки дар шароити иқтисодии вилояти Суғд татбиқпазиранд. Аз ҷумла, худтанзимкунӣ, ташкил ва дастгирии бизнес-сохторҳо дар соҳаи иттилоотонӣ (таҷрибаи ИМА, давлатҳои Аврупои Ғарбӣ), танзими маъмурӣ, яъне таҳти назорати давлат ташаккул додани инфрасохторҳои иқтисодиёти рақамӣ (таҷрибаи Хитой*, Кореяи Ҷанубӣ, Русия ва ғ.) ва танзими муштарак,* муттаҳид сохтани (синтези) худтанзимкунӣ ва танзими идоравӣ - маъмурӣ;

- арзёбии сатҳи иттилоотонии иқтисодиёти вилояти Суғд, ки он дар асоси натиҷаҳои ба даст омада дар қаринаи талаботи муосири ҷаҳонӣ ғайриқаноатбахш ба ҳисоб меравад. Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд се сатҳи нисбии иттилоотонӣ ҷудо карда шудааст: якум, сатҳи пасти рушд (Исфара, Истаравшан, Ашт, Зафаробод, Мастчоҳ, Ҷаббор Расулов, Кӯҳистони Мастчоҳ), дувум, сатҳи миёна (Конибодом, Гулистон, Деваштич, Спитамен, Панҷакент), севум, сатҳи нисбатан баланд (Хуҷанд, Истиқлол, Бӯстон, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Шаҳристон);

- асоснок гардидааст, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мухталиф аст. Аз рӯи меъёри дастрасӣ ва истифодаи шабакаҳои локалӣ ва глобалӣ дар байни соҳаҳои хоҷагии халқ мавқеи пешбарро чунин соҳаҳо, аз қабили маориф (ғайр аз таҳсилоти миёна), илм, бонкдорӣ ва қисман ҳоҷагии манзилию рифоҳӣ ишғол мекунанд. Мавҷудияти муаммоҳо дар ин самт асоснок гардидаанд. Аз ҷумла, норасоии кадрҳои баландихтисос, набудани соҳаҳои

саноатӣ бо технологизатсияи баланди истеҳсолот, набудани барномаҳои махсус, ки расман маъқул шуморида шудаанд, сатҳи пасти саводнокии компютерии қисми зиёди аҳолии минтақа (бекорон, комбизоатон, ашхоси маълумоти олӣ надошта);

- исбот гардидааст, ки сатҳи баланди иттилоотонӣ дар минтақаҳои алоҳида ба туфайли мавҷудияти зерсохторҳои зерин ба даст меояд: 1) истеҳсоли технологияҳои компютерӣ; 2) муассисаҳое, ки бо ҳисоббарории мураккаб машғуланд; 3) коркард ва фурӯши маҳсулоти барномавӣ; 4) хизматрасонии иттилоотӣ–компютерӣ ва коммуникатсионӣ. Ошкор карда шудааст, ки дар минтақаи мавриди таҳқиқ объектҳою категорияҳои якуму дувум вуҷуд надоранд, объектҳои категорияи севум қисман мавҷуданд ва, асосан, объектҳои категорияи чорум паҳн шудаанд. Коэффитсиенти иттилоотонии иқтисодиёти минтақаро вобаста аз сатҳи рушди иқтисодиёти минтақа ҳисоб кардан лозим аст, яъне мувофиқи назарияҳои муосир он ба динамикаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мутаносиби роста мебошад;

- тавсияҳои илмию амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори иттилоотии мутараққӣ дар иқтисодиёти минтақа таҳия шудаанд. Аз ҷумла, ташаккули корхонаҳои иттилоотӣ дар пояи кооператсияи бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ, ҳифзи низоми иттилоотии минтақавӣ, аз ҷумла, дар ҳар як шаҳру ноҳия ташкил намудани низоми минтақавии идоракунӣ, ки ҳамаи субъектҳои алоҳидаи хоҷагидориро, ки ба тавсеаи доира ва баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои электронӣ ва коҳиш додани хароҷоти транзаксионии идоракунӣ мусоидат менамоянд, муттаҳид месозад.

### 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тависяҳои дар диссертатсия зикргардида

Муқаррароти илмии дар диссертатсия ифода ёфта аз ҷиҳати хислатҳои муосири тадқиқоти гузаронидашуда эътимоднокии худро тавсия менамояд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби усулҳои мақбули таҳқиқот, боэътимодии маълумотҳо, микдори кофии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқотӣ вобастаи ба мавзуи илмӣ, ки натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф дар диссертатсия дарҷ гардидааст, исбот менамояд. Амалигардонии таҳлили назариявӣ ва методологӣ вобаста ба рушди назарияи ҳамкориҳои давлатию хусусӣ, ҳамчун таҳияи тавсияҳои илман асоснок оид такмили низоми идоракунӣ дар асоси иттилоотонии низомҳои хоҷагидорӣ дар сатҳи минтақавӣ ифода ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда, дар маҷаллаҳои гуногуни тақризшавандаи

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд. Шиносои бо диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки дар он муаллиф дар асоси истифодабарии усулҳои маъмули тадқиқотӣ бо дарназардошти ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардадааст.

**5. Мундариҷаи диссертатсия ва тарафҳои мусбию манфии он**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот, феҳрасти сарчашма иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 171-саҳифаи компютерӣ буда, он 22-ҷадвалро дар бар мегирад. Феҳрасти сарчашмаҳои истифодагардида аз 170-номгӯй иборат мебошад.

**Дар боби якум - "Ҷанбаҳои назариявӣ-методии иттилоотонии иқтисодиёт дар шароити муосир"** - моҳият ва заминаҳои раванди иттилоотонӣ дар рушди иқтисодиёти минтақаҳо, равияҳои методӣ дар арзёбии ҳолат ва рушди ҷараёни иттилоотонӣ дар низоми иқтисодиёти минтақаҳо, инчунин таҷрибаи хориҷии иттилоотонии низоми идоракунии минтақаҳо, тамоюл ва хусусиятҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити имруза технологияҳои иттилоотӣ дар ташаккули иқтисодиёт накши муҳимро бозида ба ҳама соҳаҳо, хусусан, дар солҳои охир он самараи баланди синергетикӣ дошта, бо суръати тез ворид шуда истодааст. Сабаби асосии чунин ҳолати корро муаллиф чунин қайд менамояд:

-сектори технологияи иттилоотӣ табиатан сермаҳсул аст, ки он пурра ба иқтисодиёт таъсир мерасонад;

- воридшавии технологияи иттилоотӣ дар секторҳои иқтисодиёт сифати корро куллан тағйир медиҳад ва ҳосилнокии меҳнат якчанд маротиба баланд мегардад;

- иқтидори омили инсонӣ ба сармояи инсонӣ табдил мегардад, ки донишҳои махсус барои истифодабарии технологияи инноватсионӣ зарур аст;

- ҷараёни ташкили меҳнати коргарон самаранок гардида, ҳавасмандии коргарон барои баланд бардоштани сатҳи самараи кори худ равона мегардад;

- алоқа байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда торафт алоқаманд мегардад;

- истифодабарии технологияи иттилоотӣ хароҷотҳои гуногуни соҳавиро идора намуда, шаффофияти онро таъмин менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар адабиёти иқтисодӣ дар бораи таърифи моҳияти иттилоотонии иқтисодиёт нуктаи назарҳои гуногун мавҷуд аст. Қобили зикр аст, ки оиди масъалаи мазкур муаллиф аз нигоҳи худ чунин қайд намудааст, яъне иттилоотонии иқтисодиёт вазъияте мебошад, ки бештар дар ҷараёни истеҳсолот, истеъмолот, тақсимот ва мубодила истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мушоҳида карда мешавад ва дар таълими самаранокии муносибатҳои хоҷагидорӣ технологияи иттилоотӣ афзалияти аввалиндараҷа дорад.

**Дар боби дуюм - "Технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии иқтисодиёти минтақаҳо: ҳолат, муаммо ва омилҳои рушд"** - вазъ ва тамоюли иттилоотонии низоми идоракунии иқтисодиёт ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидории вилояти Суғд мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба раванди идоракунӣ ва омилҳои ба онҳо таъсиррасон арзёбӣ гардидааст.

Дар шароити муосир ташаккули иқтисодиёти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти хоса дошта, ҷараёни ташаккули он аз сатҳи гузариши иқтисодиёти минтақаҳо ба роҳи иттилоотонӣ вобастагии калон дорад. Дар ташаккули иқтисодиёте, ки ба рушди технологияи иттилоотӣ асос ёфтааст, зина ба зина ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқро фаро гирифта, тамоюли рушд дар ин самт дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои махсуси давлатӣ қабул гардида, онҳо қадам ба қадам амалӣ шуда истодаанд. Қобили зикр аст, ки имрӯз кишвари мо ба шакли нави идлоракунӣ гузашта, омилҳои таъсиррасони инсониро аз байн бурда истодааст. Қобили зикр аст, ки барномаҳову Консепсияҳое, ки ба рушди соҳа сафарбар карда шудаанд, ба монандӣ: Консепсияи Ҳукумати электронӣ, иқтисоди рақамӣ ва амсоли онҳо. Ногуфта намонад, ки аз 1.08.2023 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, ки 22 июни соли 2023 таҳти №586 тасдиқ гардидааст мавриди амал қарор дорад, ки ин низ барои рушди соҳа кумаки калони худро хоҳад расонид.

Дар Паёми хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (23.12.2022) қайд намуданд, ки «Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад». Вобаста ба ин муаллиф дар боби дуюм доир ба таъминнокии дастрасӣ ба технологияи иттилоотӣ ва шабакаҳои глобалӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд таҳлилҳо гузаронидааст. Дар таҳлилҳои худ тамоми нозукиҳое,

ки дар ин самт вуҷуд дорад ба таври пурраги дида баромадааст. Инчунин муаллиф доир ба муассисаҳои тандурустии вилояти Суғд, ки намудҳои гуногуни технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии истифода мебаранд, таъминнокӣ бо компютерҳои инфиродӣ ба 100 нафар корманди ташкилоту корхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, Заминаи моддӣ-техникӣ дар донишгоҳҳои вилояти Суғд дар самти таъминнокӣ бо технологияҳои иттилоотӣ, дастрасӣ ба шабакаҳои глобалӣ дар соли хониши 2020-2021 дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, шумораи хатмкунандагоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии вилояти Суғд аз рӯи самти мутахассисони технологияҳои иттилоотӣ таҳсил кардаанд, мавриди омӯзиши худ қарор додааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз шартҳои асосии пешравӣ ва ноилшавӣ ба муваффақиятҳои назаррас дар самти гузариш ба иқтисодиёти иттилоотонӣ ин мавҷудияти кадрҳои баландихтисос ҳам аз нуктаи назари сифат ва ҳам аз нуктаи назари миқдор мебошад. Мутаассифона ин мушкилот ҳоло дар қаламравӣ роҳи ҳалли худро ба пурраги наёфтааст.

**Боби сеюми диссертатсия ба “Такмили низоми идоракунӣ дар асоси иттилоотонии иқтисодиёти минтақа” бахшида шудааст.** Дар боби мазкур афзалиятҳо дар идоракунии равандҳои иттилоотӣ дар минтақа ва таҷдиди онҳо чун роҳи паст кардани хароҷоти транзаксионӣ дар идоракунии минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки вилояти Суғдро дар доираи мамлакат чун минтақа донор баррасӣ намудан мумкин аст. Вале, ба ин нигоҳ накарда, иттилоотонии иқтисодиёти он натиҷаҳои назаррас надодааст. Қайд карда шудааст, ки кишварҳои мутараққии ҷаҳон исбот намудаанд, ки иттилоотонӣ ҳамчун локомотиви рушди иқтисодиёти миллӣ ва омили асосии баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ мебошад. Барои ҷорӣ намудани технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар навбати аввал муҳити мусоид зарур аст, ки ташаккули он яке аз вазифаҳои афзалиятноки стратегияи миллӣ бояд бошад. Дар ин радиф, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, яъне амалишавии вазифаҳои давлатӣ дар минтақаҳои алоҳида яке аз равияҳои афзалиятнок дар самти истифодабарии технологияи коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Дар боби мазкур қайд карда шудааст, ки рушди ҷараёни иттилоотонӣ яке аз заминаи асосӣ барои рушди тиҷорати электронӣ низ мебошад. Бо таври дигар, истифодабарии васеи технологияи иттилоотӣ дар амалиётҳои хоҷагидорӣ, идоракунӣ ва савдо барои паҳн гаштани тиҷорати электронӣ замина мегузорад. Чӣ тавре, ки таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, тиҷорати электронӣ рақобати озодро байни истеҳсолкунандагон афзоиш медиҳад, барои истеъмолкунандагон кушода аст, ниҳоди миёнаравиро аз байн

мебардорад, хароҷотҳои гуногунро ба монандӣ: реклама, маркетинг, иҷора барои молҳоро сарфа намуда, дар навбати худ, сатҳи танзими давлатиро низ коҳиш медиҳад. Гуфтаҳои қайдгардида ҷабҳаҳои мусбии рушди тиҷорати электронӣ мебошад. Дар навбати худ, васеъ паҳн шудани тиҷорати электронӣ аз заминаҳои зерин низ вобастагӣ дорад, аз қабилӣ:

- дараҷаи боварии истеъмолкунандагон ба пешниҳодкунандагони маҳсулотҳое, ки тибқи тиҷорати электронӣ пешниҳод мешавад;
- боварӣ ба муваффақиятҳои тиҷорати электронӣ аз ҷониби молистеҳсолкунандагон;
- дараҷаи дастрасии субъектҳои хоҷагидорӣ, аҳолӣ ба шабакаи глобалӣ (Интернет);
- шумораи миқдори истифодабарандагони алоқаҳои мобилӣ, воситаҳои электронӣ ва низоми компютерӣ;
- пойгоҳи такмил ва афзоиши пойгоҳи техникии савдои электронӣ;
- мавҷудияти санадҳои меъёрию хуқуқии мусоид барои рушди тиҷорати электронӣ.

**6. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат дар диссертатсия баъзе камбудиҳои алоҳида ва андешаҳои баҳсталаб низ мавҷуданд:

1. Дар диссертатсия иқтибосҳо ба корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда кам оварда шудаанд, ҳарчанд, ки корҳои илмии ба мавзуи таҳқиқшаванда наздик зиёданд.

2. Хуб мешуд, агар дар параграфи 1.3 фаъолияти иттилоотонии кишварҳои ҳамсоя мавриди омӯзиш қарор дода мешуданд.

3. Ҷадвали 2.1.2. - Номгӯи шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту корхонаҳои истифодабарандаи намудҳои гуногуни технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ба андешаи мо, агар таҳлили қиёси нисбат ба дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон карда мешуд, ҷадвал ранги дигар мегирифт.

4. Дар боби дуюм дастрасӣ ба шабакаҳои глобалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф дар боби мазкур шумораи ширкатҳои хизматрасонии интернетиро (провайдер) бо нишон додани маълумотҳои оморӣ ҷой менамуд.

5. Доир ба рушди тиҷорати электронӣ ва идоракунии навин суханрони шудааст, аммо мушкилоти дар ин самт таъсиррасон, яъне омилҳои таъсиррасон мавриди омузиш қарор дода нашудааст.

Дар умум эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро коҳиш намедиҳад. Инчунин, бояд қайд кард, ки диссертатсияи иҷронамудаи Ҳасанова Махфират Иномовна таҳқиқоти комил ва ба итмом расида ба ҳисоб меравад.

**9. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферати диссертатсияи мазкур мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, ҷойгир карда шудааст.

**10. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия**

Дар маҷмуъ бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Ҳасанова Махфират Иномовна дар мавзуи «Иттилоотонӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешкаш карда шудааст, дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Илова ба ин қайд кардан ба маврид аст, ки диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Бинобар ин муаллифи он Ҳасанова Махфират Иномовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқаррризи расмӣ: н.и.и., дотсент мудири кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Нусратзода М.Н.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, (992) 231-08-43.

Имзои н.и.и., дотсент Нусратзода М.Н.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ н.и.х.** **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

«30» ___08___ 2023сол.